Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 14-и назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Сафаров Сайфулло Зикриллоевич дар мавзуи “Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Асосҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷорати дар замони муорсир яке аз самтҳои асосии устуворгардонии низомҳои молявии бонкҳои мамлакат медошад, бонкҳои мамлакатро зарурат ба миён меояд, ки устувории худро ҳамеша нигоҳ доранд ва солимгардонии худро дар байни аҳоли ҳамавахт нишод диҳанд. Ин талаб менамояд, ки бонкҳо аз механизмҳои доштаи худ истифода баранд ба ин талаботи замони муосир фаъолият намоянд бонкҳо дар шароити имрӯза яке аз таъминкунандагони асосии тамоми соҳаҳои мамлакат дониста мешавад.

Бонкҳо саравал барои устуворсозии иқтисодӣ миллӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум саҳми арзанда гузошта истодаанд. Барои устуворсозии бонкҳо бошад худи бонкҳоро зарурат ба миён меояд, ки ҳамкориҳои худро бо тамоми қишрҳои ҷомеа ҷонок намоянд ва ин барои устуворсозии молиявии бонкҳои тиҷорати мегардад ва барои бонкҳои тиҷорати устувор мондан бояд дар рақобати байни бонкӣ сабқат намояд. Барои устувории бонкҳоро нигоҳ доштан дар шароити муосир душвор мебошад дар ин самтҳо бошад ҳамавахт хавфҳои таъсиррасон ба назар мерасад бояд бо ин хавфҳои таъсиррасон истодагари намуда ва бо онҳо устувории худро нишон диҳад.

Аз муҳтавои автореферати Сафаров С.З. собит мегардад, ки муҳимтар аз ҳама дар самти истифодабари устуворсозии бонкҳои тиҷорати ҷумҳури афзалиятҳои бештар ба назар мерасад, ки барои ин соҳаи муҳим аҳамияияти хоса зоҳир намоянд. Ин масъала аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дошта, дар назди илми иқтисодӣ ва рушди он вазифаҳои нав мегузорад, ки ҳалли онҳо асоснокии илмии тадбирҳои такмил додани бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро зиёд мекунад.

Дар иртибот ба ин гуфтаҳо, ба андешаи диссертант, заруриятри риояи принсипҳои муаяни таъмини устувории бонки тиҷоратӣ аз нуктаи назари молиявӣ исбот шудааст, аз ҷумла якто намудани ҳадафҳои стратегӣ ва тактикӣ дар раванди идоракунӣ, принсипи чандири механизми мазкур, таъмини мутобиқати он ба тағирот дар бозори молиявӣ, принсипи ягонаии воситаҳо ва амалҳо ҳангоми идоракунӣ, принсипи робитаи мутақобила ва вобастагии унсурҳои таркибии механизми идоракунии устувории молиявии бонк бо усулҳои таҳлил, танзиму банақшагирӣ, маниторинг ва назорат зарур дониста шуда, дурнамои нишондиҳандаҳои идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ барои солҳои 2025-20230 ояндабини маделсози шудааст. Дар иртибот ба ҳамин диссертант таъкид намудааст, ки дар шароити муосир таҳқиқот, таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳтарнамои, бонкҳои маркази мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро шаҳодат медиҳанд. (С.7).

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти автореферат овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми истифодаи устуворсозии молиявии бонкҳои тиҷорати истифода бурдан мумкин аст.

Бо вуҷуди он, ки шиносои бо автореферат ҷиҳатҳои мусбиро дорост, баъзе иловаҳо низ кардан мумкин буд, аз ҷумла:

1. Баъзе муқаррароти назариявии автореферат ба тавзеҳи иловагӣ ниёз дорад, саҳми муаллиф дар тақвияти назарияи таъмини устувории бонкҳо ба таври барҷаста нишон дода мешуд.

Ин эрод хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши таҳқиқоти илмии кори илмиро коҳиш намедиҳанд. Аз ин лиҳоз ба хулоса омада метавонем, ки кори илмии таҳқиқотии номзадии Сафаров С.З. дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07. Молия муомилоти пули ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгу буда, Сафаров С.З., сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ гардонида шавад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, мудири кафедраи**
**идоракунии молияи давлатӣ**
**ва иқтисоди рақамии АИДНПҶТ** **Досиев М.Н.**

имзои д.и.и., профессор Досиев М.Н.- ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти ҶТ **Зоирхонзода Ф.З.**